# 103933 - Ба додарарӯсаш гуфт: “Хоҳарат талоқ аст”. Оё (дар ин ҳолат) талоқ воқеъ мешавад?

## савол

Оё агар шавҳарам ба бародарам бигӯяд, ки хоҳарат талоқ аст, талоқ воқеъ мешавад?

## Ҷавоби муфассал

Ҳамду сано барои Аллоҳ.
Агар шавҳар ба додарарӯсаш бигӯяд, ки хоҳарат талоқ аст ва ҳамсарашро дар назар дошта бошад. Ин монанди он аст, ки бигӯяд: Занам талоқ аст ё ҳамсарам талоқ аст. Дар ин ҳолат талоқ воқеъ мешавад. Дар талоқ шарт нест, ки он дар назди ҳамсар сурат бигирад ва ё онро ҳамсар шунавад. Ба ҷавоби саволи рақами (31778) руҷӯъ карда шавад.
Талоқе, ки инҷо воқеъ мешавад, як талоқ аст. Агар ин талоқи аввал ё дуввум бошад, шавҳар метавонад ҳамсарашро дар муддати идда бозпас бигирад.

Аллоҳ донотар аст.